**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна тахти унвони "Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и Садриддин Айнӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2022. – 30 с.**

Таҳқиқи хусусиятҳои лингвистии луғатномаҳо барои муайян намудани ҳолати забон дар марҳилаҳои гуногуни инкишоф муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро дар асоси маводи фарҳангномаҳо вазъи таркиб ва фонди луғавии забон ба таври мушаххас омӯхта мешавад. Маҳз ба ҳамин хотир диссертатсияи унвонҷӯй Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна аз ҷумлаи масъалаҳои мубраму арзишманд маҳсуб меёбад.

Мутобиқи автореферат диссертатсия аз ихтисоршудаҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, феҳрасти адабиёт, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст.

**Дар муқаддима** оид ба мубрамӣ, зарурати интихоби мавзуъ, дараҷаи омӯхташавии он, мақсаду вазифа ва навгониҳои диссертатсия, методҳои таҳқиқот, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот ва ғайра сухан рафтааст.

**Боби якуми диссертатсия "Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и Садриддин Айнӣ"** унвон гирифта, аз 6 фасли алоҳида иборат аст. Фасли якуми боби аввал "Мафҳум, мазмуну моҳият ва хусусиятҳои калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ" номгузорӣ шуда, муаллиф калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйии дар луғатномаи мавриди таҳқиқ овардашударо аз лиҳози луғавӣ-маъноӣ таҳлилу баррасӣ намудааст. Дар фаслҳои баъдӣ оид ба воҳидҳои луғавии марбут ба либос ва пойафзол, воҳидҳои луғавии марбут ба ҳайвонот ва парандагон, воҳидҳои луғавии марбут ба растаниҳо, воҳидҳои луғавии марбут ба асбоби рӯзгор ва дигар қабатҳои луғавии халқӣ гуфтугӯйӣ таҳқиқ анҷом гирифтааст. Маълум мегардад, ки зимни таҳқиқ муаллиф ба масъалаи хусусиятҳои сермаъноӣ ва муродифию мутазодии вожаҳо аҳамияти махсус зоҳир карда, аз ин зовия низ воҳидҳои луғавӣ матраҳ мешаванд.

**Боби дуюм "Калимаҳои иқтибосӣ дар "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и Садриддин Айнӣ"** ном дорад. Диссертант вожаҳоро аз рӯйи мансубияти забониашан ба гурӯҳҳое мисли калимаҳои иқтибосии арабӣ, калимаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ ва калимаҳои

иқтибосии забонҳои дигар тасниф намуда, дар заминаи назарияҳои вомвожашинохтӣ таҳлилу баррасӣ намудааст. Ба калимаҳои иқтибосии арабӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, моҳияти онҳоро дар забони тоҷикӣ нишон додааст.

**Боби сеюми диссертатсия “Сохтори калимаҳои тафсиршуда дар “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”-и Садриддин Айнӣ”** ном дошта, се фаслро дар бар мегирад. Муаллиф дар фасли якуми боби сеюм масъалаҳои муқаддамотиро матраҳ намуда, дар фасли дуюми ин боб ҳамаи пасвандҳои калимасози истифодашударо аз рӯйи вазифаву доираи истеъмолашон ба риштаи таҳқиқ кашида, моҳияти калимасозии ҳар пасвандро дар алоҳидагӣ муайян сохтааст. “Сохтори калимаҳои мураккаб” - унвони фасли сеюми боби мазкур буда, дар он вожаҳои мураккаб бо назардошти қолибҳои калимасозӣ ва пайвасту тобеъ буданашон таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Аз матни фишурдаи диссертатсия маълум аст, ки муаллифи он маводи хеле зиёдро ҷамъоварию табақабандӣ намуда, ҳайати лексикии “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”-и Садриддин Айниро тибқи назарияҳои луғатшиносии муосир таҳлилу баррасӣ намудааст. Дар охир метавон гуфт, ки диссертатсия ба ҳадафу вазифаҳои муайяннамудаи муаллиф пурра мувофиқ аст. Дар воқеъ, диссертатсияи мазкур аз нахустин корҳои пажуҳишиест, ки маводи “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”-и Садриддин Айнӣ ба таври мукаммал мавриди таҳлили лингвистӣ қарор дода шудааст.

**Хулосаи фишурда** нуктаҳои асосии диссертатсияро фаро гирифта, дар нуҳ банд оварда шудааст. Банду басти кор гувоҳи он аст, ки унвонҷӯ ба таҳқиқоти забоншиносӣ ҳадафмандона муносибат намудааст. Ба ин таҳлили адабиёти илмӣ, ки дар боби аввал дарҷ шудааст, низ гувоҳи ҳол аст. Бо вуҷуди он, дар автореферат баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои беҳдошти сифати кор дар мавриди корҳои минбаъда ва чопи рисола аз манфиат холӣ нест.

1. Хуб мешуд, муаллифи диссертатсия омори калимаҳоро аз рӯйи сохторашон (сода, сохта, мураккаб) мушаххас дар шакли диаграмма нишон медод.

2. Агар овонавишти калимаҳои иқтибосии таҳлилшуда айнан оварда мешуданд, ба манфиати кор буд.

3. Муҳаққиқ дар мавридҳои муайян ибрози ақида намуда, андешаҳои худро бо далелу мисолҳои ҷолиб аз асари мавриди таҳқиқ меоварад, вале дар ҳолатҳои ҷудогона мисолҳои овардашуда нокифоя ба назар мерасанд.

Эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии пажуҳиши мазкурро коҳиш намедиҳанд. Дастовардҳои илмӣ дар диссертатсияи мазкур арзишманду назаррасанд ва муаллиф ба ҳадафҳои муайяннамудаи хеш муваффақ шудааст.

Бинобар ин, метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Зоитова Маҳмадюсуфовна ба забони тоҷикӣ ва русӣ таҳти унвони "Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и Садриддин Айнӣ" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарриз:
Дотсенти кафедраи забони тоҷикии
МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино",
номзади илмҳои филологӣ Юсупов Абдулло Исмоилович

14 феврали соли 2024

Имзои Юсупов Абдулло Исмоиловичро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати рушди кадрии
МТД "Донишгоҳи давлатии
тиббии Тоҷикистон ба номи
Абуалӣ ибни Сино", н.и.т. Сафаров Беҳрӯз Иззатуллоевич

Нишонӣ:
ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 139,
МТД "Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино",
Тел: (+992) 985636465;
E-mail: abdullo-yusupov@inbox.ru